Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

15 ноябри соли 2025 Шанбе № 92 (15207)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# САФАРИ ДАВЛАТИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҚАЗОҚИСТОН БА ЎЗБЕКИСТОН ОҒОЗ ЁФТ

***14 ноябр бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев бо сафари давлатӣ ба Тошканд омад. Роҳбари Қазоқистонро Президент Шавкат Мирзиёев пешвоз гирифт.***



Пас аз ташрифи Қосим-Ҷомарт Тоқаев ба мамлакати мо, сарони давлатҳо дар Фурудгоҳи байналмилалии “Тошканд–Ҳумо” суҳбат анҷом доданд.

Аз рўйи масъалаҳои рушди минбаъдаи муносибатҳои шарикии стратегӣ ва иттифоқии Ўзбекистон ва Қазоқистон мубодилаи афкор намуданд.

Сипас, маросими истиқболи расмии Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев баргузор гардид.

Ба ифтихори меҳмони олимақом парчамҳои ду давлат барафрохта шуданд, қаровули фахрӣ саф орост. Бо иҷрои оркестри ҳарбӣ сурудҳои миллии Ўзбекистон ва Қазоқистон садо доданд.

Президентҳо Қосим-Ҷомарт Тоқаев ва Шавкат Мирзиёев аз назди қаровули фахрӣ гузашта, аъзои ҳайатҳои расмиро истиқбол намуданд.

Тибқи барномаи сафар 15 ноябр музокироти сатҳи олӣ ва ҷамъомади дуюми Шўрои олии байнидавлатӣ баргузор хоҳад шуд.

Дар доираи нишаст ба кор андохтани лоиҳаҳои бузурги муштарак ва имзои бастаҳои назарраси ҳуҷҷатҳои дуҷониба дар назар аст.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

# ДАР ТОШКАНД ВОХЎРИИ МАШВАРАТИИ ҲАФТУМИ РОҲБАРОНИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ БАРГУЗОР МЕГАРДАД

***15-16 ноябр дар шаҳри Тошканд таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев Вохўрии машваратии ҳафтуми роҳбарони давлатҳои Осиёи Марказӣ баргузор мешавад.***

Дар нишаст Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Жомарт Тоқаев, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Ҷапаров, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Туркманистон Сердар Бердимуҳамедов, инчунин роҳбари Маркази минтақавии СММ оид ба дипломатияи превентив барои Осиёи Марказӣ Каха Имнадзе иштирок мекунанд.

Дар рўзномаи чорабинӣ масъалаҳои таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳои минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ, инчунин татбиқи лоиҳа ва ташаббусҳои муштарак дар соҳаҳои афзалиятнок ҷой доранд. Оид ба масъалаҳои муҳими сиёсати минтақавӣ ва байналмилалӣ мубодилаи афкор сурат хоҳад гирифт.

Тибқи натиҷаҳои Вохўрии машваратӣ қабул гардидани бастаи назарраси ҳуҷҷатҳои бисёрҷониба дар назар аст.

Ташаббуси баргузории машваратҳои мунтазами роҳбарони давлатҳои минтақа аз ҷониби роҳбари Ўзбекистон моҳи сентябри соли 2017 дар сессияи 72-юми Ассамблеяи генералии СММ пешниҳод гардида буд.

Дар давраи раёсати Ўзбекистон дар ин формат беш аз 20 чорабинии бузург, ки соҳаҳои гуногуни ҳамкориро фаро мегиранд, гузаронида шуданд.

**ЎзА.**

***Мақолаи барномавии Президенти кишвар Шавкат Мирзиёев таҳти унвони «Осиёи Марказӣ дар остонаи даври нав» на танҳо дидгоҳҳои консептуалӣ дар бораи ояндаи минтақа, балки фарҳанги нави тафаккури сиёсӣ ва ҳамкории минтақавиро инъикос мекунад. Андешаҳои дар он матраҳшуда ба таҳкими минбаъдаи пояҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва гуманитарии эътимоди мутақобила, ҳамсоягии нек ва шарикии устувор хидмат мекунанд.***

# ОСИЁИ МАРКАЗИИ НАВ – МАКОНИ СУБОТ, ЭЪТИМОД ВА ҲАМГИРОӢ

Имрўз кишварҳои Осиёи Марказӣ дар нуқтаи муҳими таърихӣ қарор доранд. Тавре Сарвари давлат таъкид мекунад, минтақа дигар майдони рақобат ё тақсимшавӣ нест, балки ба фазое табдил меёбад, ки кишварҳо барои манфиатҳои умумӣ ва тараққиёт муттаҳид мешаванд ва овози мустақили худро доранд. Муҳимтар аз ҳама, ин раванд зери таъсири фишорҳои хориҷӣ не, балки дар натиҷаи иродаи сиёсии роҳбарони кишварҳо ва ормонҳои некбинонаи мардумони мо ба амал меояд.

Ҳамчун намояндаи халқ, махсусан ба тамоюли «сохтани пулҳо, на деворҳо», ки дар мақола матраҳ шудааст, таваҷҷуҳи хоса равона мегардад. Дар солҳои охир ҳалли масъалаҳои марзӣ, лоиҳаҳои муштараки энергетикӣ ва инфрасохторӣ, роҳандозии форматҳои байналмилалии «Осиёи Марказӣ плюс», муколамаҳо дар самти ҷавонон, занон ва илм — ҳамаи ин нишон медиҳанд, ки эътимоди мутақобил ба натиҷаҳои амалӣ табдил ёфтааст.

Рақамҳои овардашуда низ ифодаи иқтисодии ҳамин эътимоданд: дар ҳашт соли охир ҳаҷми савдои мутақобилаи кишварҳои минтақа ду баробар ва ҳаҷми сармоягузориҳои байниҳамдигарӣ тақрибан шаш баробар афзудааст. Ин меъёри возеҳи самаранокии сиёсати минтақавист.

Ғайр аз ин, муносибати инсонпарварона ва пурмасъулияти Президенти мо нисбат ба масъалаи Афғонистон намунаи ошкорои масъулият оид ба минтақа аст. Фикри «Афғонистон қисми табиии минтақаи мост» баёнгари назари ҳамаҷониба ба суботи Осиёи Марказист.

Илова бар ин, ташаббусҳои дар мақола матраҳшуда, аз қабили консепсияи «Осиёи Марказӣ — 2040», рушди «иқтисоди сабз» ва «трансформатсияи рақамӣ» на танҳо ҳамкории минтақавӣ, балки ҷузъи равшан ва амалӣ аз модели нави Осиёи Марказӣ мебошад, ки дар рақобати ҷаҳонӣ мавқеи худро пайдо мекунад.

Аз ин рў, метавон гуфт, ки ин мақолаи барномавии Президенти мо харитаи роҳ барои давраи нав дар Осиёи Марказӣ аст, ки бар суботи сиёсӣ, ҳамгироии иқтисодӣ ва манфиатҳои инсонӣ асос ёфтааст.

Имрўз парлумон ва ҳукумат, инчунин ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ масъулияти дастгирии ин ҳадафҳои стратегиро доранд ва онҳоро тавассути қонунгузорӣ ва ташаббусҳо тақвият медиҳанд.

Зеро, тавре Президент гуфтааст, «Ояндаи Осиёи Марказӣ дар дасти мост».

**Ҷавлон АБДУЛЛОЕВ,**
**депутатии Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**



*Боғпарварони Тўрақўрғон, ки дар парвариши гелос ва ангур таҷрибаи хос доранд, солҳои охир дар хурмопарварӣ низ ба муваффақиятҳо ноил мегарданд. Алҳол аз 64 маҳаллаи ноҳия дар 48-тои он ин навъи мева парвариш карда мешавад.*

*Дар маҳаллаи Калваки ноҳияи Тўрақўрғони вилояти Намангон 1054 оила истиқомат мекунанд, ки 98 фоизи онҳо ба парвариши хурмо машғуланд. Калвакиён соле дар маҷмўъ 200 тонна хурморо ба кишварҳои Русия, Қазоқистон ва давлатҳои Аврупо содир менамоянд. Аз ин ҳисоб ҳар як оила соле аз 30 то 100 миллион сўм даромад мекунад.*

*Ҳоли ҳозир дар қабулхонаҳо кор меҷўшад. Хурморо ҷамъ оварда, ба харидорон мерасонанд. Аз ҳама муҳимаш, танҳо дар ҳамин маҳалла беш аз 500 нафар ба корҳои мавсимӣ ва 220 нафар бо шуғли доимӣ банд мебошанд.*

***Дар сурат:*** *ҷамъоварии хурмо.*

***Суратгир: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ЎзА)***

*Муносибат*

***Мақолаи роҳбари давлатамон «Осиёи Марказӣ дар остонаи даври нав»-ро хонда, пай мебарем, ки ҳамкориҳои минтақавӣ ба марҳилаи нав баромада, дар он иродаи сиёсие инъикос мегардад, ки ба дарки сарнавишти муштарак ва ояндаи ягона асос ёфтааст.***

# ВАҲДАТИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ – ПОЙДЕВОРИ АДОЛАТИ ИҶТИМОӢ ВА РУШДИ УСТУВОР

Дар ин мақола на танҳо дастовардҳои таърихии солҳои охир фарогирона таҳлил шудаанд, балки ҳадаф ва вазифаҳои бузурге, ки дар пеш дорем, низ дақиқ муайян гардидаанд.

Барои Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат» сиёсати прагматикӣ ва устувори роҳбари давлатамон, ки ба таҳкими фазои ҳамсоягии нек, эътимоди мутақобила ва шарикии стратегӣ дар Осиёи Марказӣ равона шудааст, ҳамеша аҳамияти махсус дорад.

Зеро, тавре Президенти мамлакат таъкид карданд, ин равандҳо «натиҷаи кўшишҳои ҳадафмандона ва иродаи сиёсӣ аз ҷониби роҳбарони кишварҳои мо мебошанд, ки тақдири умумӣ ва қобилияти рушди муштараки худро амиқан дарк кардаанд».

Дар мақола таъкид шудааст, ки ба «натиҷаҳои мушаххас ва имтиёзҳои равшан барои шаҳрвандон ва соҳибкорон» табдил додани созишҳои бадастомада вазифаи стратегӣ мебошад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки сиёсати минтақавӣ пеш аз ҳама ба манфиати одамони одӣ хидмат мекунад.

Яке аз муҳимтарин дастовардҳои солҳои охир, бешак, ҳалли ниҳоии масъалаҳои марзӣ мебошад.

Тавре Президенти кишвар зикр намуданд: «марзҳое, ки замоне моро аз ҳам ҷудо мекарданд, ба пули дўстӣ ва ҳамкорӣ табдил ёфтанд».

Шартномаи сеҷонибаи байни Ўзбекистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон, инчунин ҷорӣ гардидани гузар аз марз бо истифодаи ID-кортҳо халқҳои моро боз ҳам наздиктар сохт.

Ин бошад, дар навбати худ, барои таҳкими робитаҳои тиҷоративу иқтисодӣ, осон кардани равуои шаҳрвандон ва амиқтар шудани ҳамкориҳои фарҳангӣ-гуманитарӣ роҳҳои васеъро боз намуд.

Дар мақола махсус таъкид шудааст, ки мушкилоти печидаи солҳои тўлонии соҳаи обу энергетика низ дар асоси ҳамкорӣ, эътимоди мутақобила ва муносибати одилона ҳал мегарданд. Лоиҳаи «Неругоҳи барқи обии Қамбарота-1», ҳамкориҳо дар сохтмони НБО-ҳои «Ёвон» ва «Фондарё» гувоҳи маданияти баланди сиёсӣ ва масъулияти кишварҳои дўсту бародар дар истифодаи оқилонаи захираҳои умумӣ мебошанд.

Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ низ самаранокии ин равандҳоро тасдиқ мекунанд: маҷмўи маҳсулоти дохилии минтақа ба 520 миллиард доллар ва ҳаҷми савдои мутақобила ба 11 миллиард доллар расида, натиҷаҳои амалӣ доштани сиёсати прагматикӣ ва созандаро инъикос менамоянд.

Ин бошад, барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ, таҳкими устувории иқтисодӣ ва тақвияти низоми ҳимояи иҷтимоӣ замина фароҳам меорад.

Баҳои баланди Президенти мо ба форматҳои «Осиёи Марказӣ плюс» ва таъкиди он ки минтақаи мо ба иштирокдори мустақилу масъулиятноки муносибатҳои байналмилалӣ табдил ёфтааст, далели он аст, ки сиёсати наздиксозии минтақавии таҳти ташаббуси роҳбари давлатамон оғозёфта имрўз аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф мегардад.

Дар шароити ноустувории геосиёсии ҷаҳонӣ, амал кардани кишварҳои минтақа дар сиёсати хориҷӣ бо мувофиқаи пешакӣ ва ҳимояи муштараки манфиатҳо, гарави амнияти умумӣ ва рушди устувори мост.

Ҳамчунин, ба масъалаи Афғонистон таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардида, аҳамияти ҷалби ин кишвар ба раванди минтақавӣ ва нақши лоиҳаҳои бузург, аз ҷумла «Роҳи оҳани Трансафғон», на танҳо дар самти иқтисодӣ, балки барои таҳкими сулҳ ва субот дар минтақа муҳим арзёбӣ шудааст.

Дар мақола панҷ самти авлавиятнок – амиқсозии ҳамкорӣ, амният, иқтисод, экология ва робитаҳои гуманитарӣ, ки барои оянда муайян гардидаанд, барои мо низ ҳадафҳои барномавӣ маҳсуб меёбанд.

Ҳизби мо дар ҳамаи ин самтҳо, хусусан дар рушди сармояи инсонӣ, таҳсилот, илм, технология ва соҳаи тандурустӣ ҷонибдори тақвияти ҳамкорист.

Боиси зикр аст, ки 80 миллион нафар аҳолӣ, аз ҷумла, ҷавонони боистеъдоди минтақа сармояи умумии мо мебошад. Таъмини таҳсилоти босифат, нигоҳдории саломатӣ ва фароҳам овардани шароит бар пояи адолати иҷтимоӣ барои ҷавонон — бузургтарин ва дурусттарин сармоягузорӣ ба ояндаи Осиёи Марказист.

Хулоса, ин мақолаи Президент бори дигар интихоби бошуурона ва бебозгашти моро барои бунёди Осиёи Марказии Нав тасдиқ мекунад. Ин ифодаи равшани сиёсати «сохтани пулҳо, на деворҳо» байни халқҳое мебошад, ки таърих ва решаҳои муштарак доранд ва минтақаро ба сўи рушди устувор дар ягонагӣ роҳнамоӣ мекунанд.

Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат» ин роҳи стратегӣ, модели ҳамкориро, ки ба сулҳ, субот ва фаровонӣ такя мекунад, қотеъона дастгирӣ менамояд. Зеро мо барои равона кардани тамоми неру ва имкониятҳои худ ба сўи бунёди ояндаи муштараки Ўзбекистони Нав ва Осиёи Марказии Нав омодаем ва андешаҳо, ки дар ин мақола баён шудаанд, ба мо рўҳи тозаву илҳом мебахшанд.

**Робахон МАҲМУДОВА,**
**роҳбари фраксияи Ҳизби СД «Адолат» дар Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

***Тозагиву озодагӣ на фақат тимсоли зебоист, балки асоси рушду пешрафти ҷомеа низ ҳаст. Дар гузару маҳаллаҳои аҳолинишини Ўзбекистони азизи мо, инак чаҳор сол аст, ки чунин тадбирҳои маҷмӯӣ гузаронида мешаванд.***

# КОРҲОИ ТОЗАГӢ ЧӢ ГУНА БА РОҲ МОНДА ШУДААНД?

Мутобиқи қарори Сарвари давлат Ш. Мирзиёев аз 2-юми апрели соли 2021 вазифа ва самтҳои асосӣ оид ба истифодаи оқилонаи нерӯ ва захираи шуъбаҳои ободонӣ, ташкили меҳнати дастӣ, инчунин такмил додани соҳаи меҳнат муайян карда шудаанд.

Ин қарор барои ҳар як шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ, аз ҷумла, шаҳри Ҷиззах низ дастури амал мебошад. Шаҳр дар маркази вилоят ҷойгир аст ва солҳои охир ба таври назаррас ривоҷ меёбад. Роҳҳои нав, боғҳои сабзу хуррам, кўчаҳои фароху тозаи онро дида дили кас шод мешавад.

Ҳоло барои навсозии шаҳр, осон кардани ҳаракати нақлиёт ва фароҳам овардани шароити мусоид барои сокинон як қатор лоиҳаҳои бузург амалӣ мешаванд. Аз ҷумла, бо қарори ҳокими вилоят сохтмони роҳ ба масофаи қариб чор километр бо суръати баланд идома дорад, ки кўчаҳои Шароф Рашидов ва Сайилҷойи шаҳрро мепайвандад. Корҳои сохтмони онро Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Нурли тўлқин» анҷом медиҳад. Бинобар гуфтаи роҳбари он Ҳусен Абдуҳамидов барои сохтмони роҳ 30-нафар кормандони ботаҷриба ҷалб ва бо техникаҳои замонавӣ таъмин гардидаанд. Роҳ мувофиқи технологияҳои нав ва стандартҳои байналмилалӣ сохта мешавад. Дар он, аз ҷумла, роҳҳои пиёдагард барои шахсони имконияташ маҳдуд ва шахсоне, ки бо велосипед ҳаракат мекунанд, низ бунёд меёбанд. Ин корҳоро то ноҳияи Фориш давом медиҳем, – мегўяд Ҳусен Абдуҳамидов.

Моҳонаи тозагӣ ва озодагӣ нафақат дар марказ ва атрофи шаҳр, балки дар дигар ноҳия ва шаҳрҳои вилоят низ идома доранд. Аз ҷумла, дар ноҳияи Фориш ҳам барои ободонии кўчаву хиёбонҳо корҳои зиёд иҷро мешаванд. Мо бо роҳбари ташкилоти ободонии ноҳия Ҷўрақулов Хуршед суҳбат кардем. Ў дар бораи фаъолияти ходимони ободонӣ маълумоти пурра дод. Мувофиқи шарҳи Хуршед Ҷўрақулов дар ин ташкилот 18 аъзои раёсат, 7 корманде, ки ба боғдорӣ масъуланд, 21 коркуни тозагӣ, 9 ронанда, 18 электрик, 4 ходими роҳ ва ғайра ҷалб гардидаанд. 154 нафар ба нигоҳубини 77 қабристон масъуланд. Умуман, дар ташкилоти ободонии ноҳия ҷамъ 239 нафар кор мекунанд.

Моҳонаи тозагӣ ва озодагӣ аз ташаббусҳои муҳимест, ки ба баланд бардоштани фарҳанги покизагӣ, зебоӣ ва муҳимаш масъулиятшиносии шаҳрвандон мусоидат мекунад. Аз он нафақат муҳити зист тозаву зебо мегардад, балки ҳисси ватандўстӣ ва масъулиятшиносии ҳар як шаҳрванди кишвар низ меафзояд. Ободиву покизагии кўчаҳо, хиёбон ва гузару маҳаллаҳо нишондиҳандаи маърифату маданияти ҷомеа аст. Аз ин рӯ, ҳар як шахс бояд барои нигоҳ доштани муҳити тоза ва озодаи манзили зист ҳиссагузор бошад.

**Муаттар АБДУЕВА,**
**магистранти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Ҷиззах.**

# САНОАТИ МИЛЛӢ ДАР РОҲИ РУШД ВА НАВОВАРӢ

***Дар шароити рушди босуръати иқтисодиёти кишвар дастгирии истеҳсолоти ватанӣ яке аз самтҳои муҳими сиёсати давлат ба ҳисоб меравад. Солҳои охир дар сартосари кишвар корхонаҳои нави истеҳсолӣ таъсис меёбанд, ки фаъолияти онҳо ба баланд бардоштани иқтидори иқтисодӣ ва таъмини ҷойҳои нави корӣ мусоидат менамояд.***



Дар ҳамин замина, татбиқи лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ, ба кор шурӯъ намудани корхонаҳои истеҳсоли матоъ ва либосҳои трикотажӣ дар ноҳияи Косонсойи вилояти Намангон намунаи барҷастаи рушди саноати муосири Ўзбекистон мебошад. Шумораи корхонаҳо афзуда, барои инкишофи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аз ҷониби соҳибкорон шароит фароҳам оварда мешавад.

ҶММ «AOTex», ки аз ҷониби соҳибкор Одилҷон Исматуллоев таъсис ёфтааст, яке аз калонтарин субъектҳои соҳибкорӣ дар ноҳия маҳсуб ёфта, дар муддати кўтоҳ тавонист дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ ҷойгоҳи худро пайдо намояд. Корхона соли 2017 таъсис ёфта, имрўз бо зиёда аз 150 нафар мутахассисони маҳаллӣ фаъолият мебарад, ки бештари онҳо ҷавонон ва занони соҳибкасб мебошанд. Коргоҳ бо таҷҳизоти муосири олмонӣ ва туркӣ муҷаҳҳаз мебошад, ки сифати баланди маҳсулотро таъмин мекунад. Дар тамоми марҳилаҳои истеҳсолӣ сифат таҳти назорат қарор дода шуда, ҳамчунин ба шаклу намуд ва дизайни либос низ диққати хоса дода мешавад. Ба маҳсулоти истеҳсолшуда, аз қабили либосҳои кўдакона, занона ва мардона, на танҳо дар бозори ватанӣ, балки дар кишварҳои ҳамсоя низ талабот зиёд аст.

Сифат ва тарҳи замонавии маҳсулотро мутахассисон бо истифода аз ашёи хоми табиӣ ва риштаҳои ҷавобгўйи стандартҳои ҷаҳонӣ таъмин менамоянд. Дар баробари истеҳсол, дар корхона ба омўзиши кадрҳои ҷавон низ диққати алоҳида дода мешавад. Ҳамасола даҳҳо хатмкардагони омўзишгоҳҳои касбӣ дар ин корхона таҷрибаомўзӣ намуда, баъдан ба ҳайси дўзанда, тарроҳ ва технолог фаъолиятро идома медиҳанд.

– Мақсади мо на танҳо истеҳсоли маҳсулоти босифат, балки офаридани бренди миллӣ аст, ки номи кишварамонро дар бозори ҷаҳонӣ муаррифӣ карда тавонад, – мегўяд директори корхона Илҳомҷон Икромов. – Гардиши солона соли гузашта 21 миллиардро ташкил дод. Айни замон вусъат додани ҷуғрофияи содирот ба нақша гирифта шудааст. Ҳадафи мо истеҳсоли маҳсулоти хушсифати арзон мебошад. Қаблан ширкат таҳти бренди «Adib» фаъолият дошт, ҳоло бошад, маҳсулот таҳти бренди «Edanaz» муаррифӣ мешавад.

Корхона дар раванди истеҳсолот аз таҷҳизоти муосир ва ашёи хоми босифат истифода мебарад, ки ба истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир мусоидат мекунад. Аз марҳилаи ресандагӣ то дўзандагӣ ва бастубанди ниҳоӣ, ҳама амалиёт дар дохили корхона анҷом дода мешавад. Маҳсулоти корхона, аз ҷумла свитерҳо, либосҳои варзишӣ ва рўзмарра на танҳо дар бозорҳои дохилӣ, балки дар ҷумҳуриҳои ҳамсоя низ харидорони худро пайдо кардаанд.

– Ҳадафи асосии мо рушди истеҳсолоти ватанӣ ва баланд бардоштани сифати маҳсулот дар бозори ҷаҳонӣ мебошад, – мегўяд устои шуъба Мустафо Қарайилан. – Қаблан мо 3 дастгоҳ ва 6-7 коргар доштем. Бо назардошти имкониятҳо фаъолияти худро инкишоф додем. Дар коргоҳ барои коргарон шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Кормандон дар се баст фаъолият бурда, бо хўроки гарм таъмин мебошанд ва рафтуомади онҳо бо нақлиёти хидматӣ ба роҳ монда шудааст.

– Имрўзҳо дар мамлакати мо ба таъмини шуғли занон ва рафъи мушкилоти иҷтимоии онҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад. Дар ин бобат корхонаҳои дўзандагӣ ва трикотажӣ нақши арзанда доранд. Се сол инҷониб дар ин корхона ҳамчун дўзанда фаъолият мекунам. Аксарияти коргарони мо занону духтарон мебошад. Барои заноне, ки малакаи дўзандагӣ надоранд, мутахассисон бобати аз худ кардани пеша дасти кумак дароз мекунанд ва дар натиҷа онҳо соҳиби ихтисос шуда, ба даромади оилаашон меафзоянд – мегўяд Муслима Бобоҷонова.

Ҳукумати кишвар тавассути барномаҳои дастгирии соҳибкорӣ ва саноати сабук ба рушди чунин корхонаҳо мусоидат менамояд.

Бо татбиқи лоиҳаи нав корхонаи трикотажӣ ният дорад, ҳаҷми истеҳсолотро ду баробар тавсеа дода, тиҷорати мустақими содиротиро ба роҳ монад ва ҷойҳои нави корӣ фароҳам оварад.

Маҳз ҳамин гуна корхонаҳо имрўз пояи саноати миллӣ ва ифтихори маҳсулоти кишвар мебошанд. ҶММ «AOTex» бо фаъолияти пурсамари худ дар рушди соҳаи саноати сабук ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти босифати ватанӣ саҳми арзанда мегузорад.

**Мағфират МАМАҶОНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# МЕТРОПОЛИТЕНИ ТОШКАНД: ДИРӮЗ ВА ИМРӮЗ



Дар ҳафт-ҳашт соли охир метрополитени Тошканд доманаи хидматрасониҳо густариш дод. Метро ба муҳимтарин воситаи нақлиётӣ барои аҳолӣ ва меҳмонони пойтахт табдил ёфт. Назар ба маълумотҳо то соли 2020 адади поездҳое, ки дар самтҳои гуногун ҳаракат мекарданд, 36 адад буд. Вале талабот ба ин навъи мусофиркашони харҷониба мусоид ва бехавф афзуда, зарурати навсозии таркиби ҳаракатҳо ва кўтоҳсозии интервали байни равуо ба миён омад. Дар панҷ соли охир якчанд таркибҳои нави ҳаракат харида шуд ва ҳоло миқдори поездҳо ба 75 адад расид.

Метрополитени Тошканд, ки дар нимаи дувуми солҳои ҳафтодуми қарни сипаригардида мавриди истифодаи умум қарор гирифт, «таърих»-и ба ба худ хос дорад. То он вақт Маскав, Санкт-Петербург, Киев, Харков, Тбилиси ва Боку барин шаҳрҳои калони собиқ иттифоқ метро доштанду халос. Кушода шудани метро дар Тошканд нафақат дар ҷумҳурии мо, балки дар Осиёи Миёна чун воқеаи муҳим арзёбӣ мешавад. Ҳар як истгоҳи метро бо зебоиву ҳашамат, ороиши милливу замонавӣ, қасрҳои муҳташами зеризаминиро мемонад ва таваҷҷуҳи бинандаро ба худ мекашад. Барои барпои метро, ки он солҳо танҳо дар самти – «Чилонзор» ҳаракат мекард, тақрибан 50 миллион рубл сарф гардид, ки ин миқдор дар он вақт маблағи хеле калон ҳисоб мешуд.

Баъдтар самти дувум – «Ўзбекистон» арзи ҳастӣ кард. Барои барпои он, назар ба фактҳо, 80-90 миллион рубл харҷ гашт. Дар ибтидои солҳои 2000 ба истифода супурда шудани хати сеюм – «Юнусобод» чун туҳфаи хуби истиқлол ба сокинони пойтахт арзёбӣ гашт. Барои ба кор даровардани воситаи нақлиёти ҷамоатии зеризаминӣ дар давраи нав 38 миллиард сўм харҷ гашт.

Дар ибтидои аср, ҳамин тавр, хатҳои «Чилонзор», «Ўзбекистон» ва «Юнусобод», ки тавассути риштаҳои мақбули муҳандисӣ ба ҳамдигар васл гардиданд, таркиби метрополитени Тошкандро ташкил намуданд. Дар ин хатҳо барои мусофирон шароити мусоид офарида шуданд, вале бинобар вазъи иқтисодӣ корҳо дар самти «Юнусобод» то охир нарасид. «Шаҳристон» чун истгоҳи охирин қарор ёфт. Мусофироне, ки мехостанд то маркази ноҳия (Юнусобод) раванд, маҷбур буданд боз истгоҳеро бо автобус ё навъҳои дигари нақлиёт тай кунанд. Бинобар ҳамин, самти «Юнусобод» назар ба дигар самтҳои метро камодамтар ба назар менамуд.

Чанд сол қабл дар хати «Юнусобод» боз ду истгоҳ («Юнусобод» ва «Туркистон») сохта шуд. Барпои истгоҳҳои иловагӣ ба тарзи замонавӣ аз мукаммалии тозаи метрополитени Тошканд дарак дод.

Дар бораи созмони боз якчанд лоиҳа ва сохтмони хатҳои нав, такмили муттасили метрополитен ва намуди боз ҳам замонавитар гирифтани он мутахассисони Институти «Тошметролоиҳа» меҳнати зиёд ба харҷ доданд. Яке аз воқеаҳои муҳим дар ҳаёти нақлиёти ҷамоатии пойтахт – барпои роҳи яклухти ҳалқагард буда, дар чаҳор-панҷ соли охир роҳҳои филизии рўизаминӣ низ мавриди истифода қарор гирифтанд. Барои аз имконоти метрополитен истифода намудани тамоми сокинони пойтахт, ки дар ҳудуди гуногуни Чочи куҳан зиндагӣ мекунанд, имконият фароҳам гардид.

Дар шароите, ки миқдори автомобилҳо афзуда, ба амал омадани тирбандӣ ба як ҳодисаи маъмулӣ табдил ёфтааст, истифода аз нақлиёти зеризаминии тезгард ва бехавф аҳамияти алоҳида касб менамояд.

То чӣ андоза мураккаб будани барпои роҳи оҳани зеризаминӣ барои мо маълум. Агар шаҳр дар ҳудуди сейсмикӣ мавқеъ гирифта бошад, таъмини бехатарӣ, ки эътибори махсусро талаб менамояд. Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки бунёди роҳҳои филизии рўизаминӣ низ мураккабии ба худ хос доранд ва дар баробари меҳнати вазнин, маблағи зиёдро талаб менамоянд.

Барои таъмини амнияти ҳаракатҳо ба наздикӣ қисмате аз роҳҳои оҳани рўизаминӣ ба навсозию таъмир фаро гирифта шуданд. То мавриди истифода қарор ёфтани онҳо дар ҳудуди муайян ҳаракати автобусҳои ройгон ба роҳ монда шуд. Таъмини бехавфии экологӣ ҳамеша мавриди эътибори масъулони соҳа аст. Истгоҳҳои рўйизаминиву зеризаминӣ ва дохили вагонҳо то ҳавои тоза дошта бошанд, ускунаҳои намӣ ва беғубории ҳаворо таъминкунанда мунтазам кор мекунанд. Чӣ дар гармои тобистон ва чӣ дар сармои зимистон иқлим дар метрополитен ҳамеша мусоид. Маданияти хуби хидматрасонӣ мусофиронро қаноатманд менамояд. Вале гоҳо дар баъзе истгоҳҳои серодам, масалан, истгоҳҳои «Пахтакор» ва «Алишер Навоӣ» масъулоне, ки тартиботро назорат мекунанд, бо баландгўякҳо ба равуокунандагон дағалона муносибат менамоянд. Ҳар як сония дар ҳаракати поездҳо ба ҳисоб аст, бояд таъҷилӣ аз нуқтае ба нуқтаи дигар ҳаракат кард. Бо вуҷуди ин, гоҳе мешавад ҳанўз пассажирон пурра дохили вагон нашуда, ронандагон якбора дарҳоро мебанданд. Фикр намекунанд, ки дар байни онҳо занон, пиронсолон, маъюбону кўдакон ҳам буданашон мумкин. Хуштаккашии сахт ва бемавриди нозирон низ асаби мусофиронро вайрон мекунад. Сайёҳони хориҷӣ, ки дар «қасрҳои зеризаминӣ» нақшу нигори меъмории миллиро тамошо мекунанд, аз ин гуна бемаданиятӣ нороҳат мешаванд.

Дар баробари ҳамин саъйҳо барои хидматрасонии боз ҳам хубтар, офаридани шароити мусоид ба мардум хушҳолкунанда аст.

Дар қисмате аз истгоҳҳо нуқтаҳои тиҷоратӣ кушода шудаанд. Банкоматҳо бетанаффус кор мекунанд, аз хидмарасонии пайнетӣ низ истифода кардан мумкин, барои қазои ҳоҷат ҳам акнун имконият фароҳам аст.

Ба наздикӣ дар ҳафт истгоҳи метрополитени пойтахт ҳафт нуқтаи китобхонаҳои хурд кушода шуд. Интизор меравад,ояндаи наздик дар истгоҳҳои боқимондаи рўизаминиву зеризаминӣ ҳам ин гуна китобхонаҳо арзи ҳастӣ мекунанд.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар соли 2026 ба метрополитени Тошканд овардани боз 14 адад таркиби ҳаракат – 56 вагони нав ба нақша гирифта шудааст.

**М. ШОДИЕВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

***Дар рўзҳои охир пойтахти Ўзбекистон – шаҳри Тошканд — ба маркази баргузории мулоқотҳои сатҳи баланд миёни вазирони соҳаҳои гуногуни панҷ кишвари Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Озарбойҷон табдил ёфтааст. Ин вохўриҳо дар арафаи Машварати ҳафтумии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки рўзҳои 15-16 ноябр баргузор мегардад, сурат мегиранд.***

# ТОШКАНД ВАЗИРОНИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА ОЗАРБОЙҶОНРО ГИРДИҲАМ ОВАРД

Дар ҷаласаи нахустини вазирони тиҷорат ва сармоягузории кишварҳои минтақа, ки Озарбойҷон низ ба он ҳамроҳ шуд, масъалаи тавсеаи муносибатҳои иқтисодӣ дар меҳвар қарор гирифт. Лазиз Қудратов, вазири сармоягузорӣ, саноат ва тиҷорати Ўзбекистон, зимни ифтитоҳи ҷаласа гуфт, ки ҳаҷми гардиши мутақобилаи тиҷоратӣ метавонад то 20 миллиард доллар расонида шавад.

Ин рақам дар ҳолест, ки солҳои 2017–2024 ҳаҷми умумии тиҷорати мутақобила ҳамагӣ қариб 11 миллиард долларро ташкил додааст. Қудратов изҳор дошт, ки бо ҳамоҳангсозии расмиёти гумрукӣ, ҷорӣ кардани ҳуҷҷатгузории рақамӣ, эътирофи дуҷонибаи иҷозатномаҳо ва татбиқи «равзанаи ягона» расидан ба ин ҳадаф душвор нахоҳад буд.

Дар ҷаласа инчунин пешниҳод гардид, ки соли 2026 дар шаҳри Самарқанд Форуми сармоягузории Осиёи Марказӣ ва Озарбойҷон баргузор гардад. Ин форум бояд ҳамчун платформаи ягонаи таблиғи бренди минтақавии «Made in Central Asia» хидмат намояд.

Ин пешниҳоди Ўзбекистон аз ҷониби тамоми вазирон пуштибонӣ ёфт.

Сипас намояндагони Тоҷикистон, Туркманистон, Қирғизистон ва Озарбойҷон низ аз афзоиши гардиши тиҷоратӣ бо кишварҳои минтақа ёдовар шуданд. Муовини аввали вазири иқтисоди Озарбойҷон Элнур Алиев таъкид намуд, ки кишвараш омода аст, инфрасохтори нақлиётии худро барои густариши тиҷорати минтақавӣ боз ҳам мустаҳкам созад.

Дар анҷом Изҳороти муштарак ба имзо расид, ки дар он амиқсозии ҳамкории иқтисодӣ, рушди истеҳсоли муштарак ва эҷоди абзорҳои нав барои ҷалби сармоягузорӣ дар марказ қарор гирифтанд.

14 ноябр дар толори Маркази конфронси байналмилалии «Ўзбекистон» аввалин мулоқоти вазирони фарҳанги Осиёи Марказӣ ва Озарбойҷон баргузор гардид. Дар он вазири фарҳанги Ҷумҳурии Ўзбекистон Озодбек Назарбеков, вазири фарҳанг ва иттилооти Ҷумҳурии Қазоқистон Аида Балаева, вазири фарҳанг, иттилоот ва сиёсати ҷавонони Ҷумҳурии Қирғизистон Мирбек Мамбеталиев, вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Матлуба Сатториён, вазири фарҳанги Туркманистон Атагелди Шамирадов ва ҳамчун меҳмони фахрӣ вазири фарҳанги Ҷумҳурии Озарбойҷон Адил Керимлӣ иштирок карданд.

Вазири фарҳанги Ўзбекистон Озодбек Назарбеков ин ҷаласаро «таърихӣ, муҳим ва зарурӣ» номид. Ба таъкиди ў, дар солҳои охир муносибатҳои кишварҳои минтақа дар тамоми соҳаҳо ба сатҳи сифатан нав баромадаанд ва ин ҳамкорӣ асоси таҳкими дўстии халқҳо гаштааст.

Вазир таъкид намуд, ки дар шароити ноустувории геосиёсӣ ва рақобати иттилоотӣ кишварҳои минтақа бояд бештар муттаҳид бошанд. Фарҳанг, ба гуфтаи ў, метавонад ба пули воҳиди дўстӣ табдил ёбад.

Вазири фарҳанги Тоҷикистон Матлуба Сатториён гуфт, ки солҳои охир дўстӣ ва ҳамкории фарҳангии Тоҷикистону Ўзбекистон ба сатҳи баланд ва пурмазмун расидааст.

Вай бо эҳтиром аз нақши ташаббусҳои Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ёдовар шуда, таъкид кард, ки фестивалҳои байналмилалии «Санъати мақом» ва «Таронаҳои Шарқ» дар муаррифии фарҳанги минтақа нақши муҳим мебозанд.

Ба гуфтаи вазир, мақом, гули санъат, на танҳо жанри мураккаби мусиқӣ, балки ифодаи ҷаҳони маънавӣ, хотираи таърихӣ ва зебоишиносии мардум аст.

Матлуба Сатториён изҳор дошт, ки робитаҳои эҷодии байни рассомон, кормандони театр ва зиёиёни Ўзбекистону Тоҷикистон сол аз сол густариш меёбанд ва чунин ҳамкорӣ дўстии ду миллатро ба сатҳи сифатан нав мебардорад.

Вазирони Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон ва Озарбойҷон низ дар мулоқот фикрҳои худро баён карданд. Ҳама таъкид намуданд, ки фарҳанг дар замони муосир пуриқтидортарин василаи муттаҳидсозист.

Гуфта шуд, ки Ўзбекистон бо рўҳияи нав ва равиши муосир дар бунёди ин пул саҳми бузург дорад, ки ба болоравии маънавии тамоми минтақа мусоидат мекунад.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

*16-уми ноябр – Рўзи байналмилалии таҳаммулпазирӣ*

# БАРОДАРӢ – БАРОБАРӢ

***Имрўзҳо дар қаламрави Ўзбекистони Нав ҳафтаи байналмилалии таҳаммулпазирӣ муташаккилона идома дорад. Дар мактабҳои олӣ ва таҳсилоти ҳамагонӣ, корхонаву ташкилотҳо тадбирҳои пуршукўҳи фарҳангӣ баргузор мешавад.***

Дар толори Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов низ дар доираи «Ҳафтаи таҳаммулпазирӣ» анҷумани хотирнишон ба вуқўъ пайваст, ки намояндагони ҳокимияти вилояти Самарқанд, шоиру нависандагон, устодону донишҷўён, пиру барно иштирокдори он буданд.

Роҳбари Садорати минтақавии Кумитаи оид ба корҳои динии Ўзбекистон Соҳибназар Боймуродов, шоира Эътибор Маҳмудова, раиси шуъбаи вилоятии Иттифоқи нависандагони Ўзбекистон Тошпўлод Тугалов ва дигарон оид ба дўстӣ ва фароҳдилӣ ҳарф заданд.

– Самарқанди бостониву ҳамешаҷавон на танҳо маркази тамаддуни Шарқ, балки мақоми шаҳри дўстӣ ва фароҳдилиро дорост, – иброз дошт С. Боймуродов. – Дар вилояти мо намояндагони қариб 130 миллат ҳамчун аъзои як оила аҳлу тифоқ зиндагӣ мекунанд. Дар Самарқанд 11 маркази миллӣ-фарҳангӣ ва як ҷамъияти дўстӣ фаъолияти пурсамар мебаранд. Дар қаламрави вилоят 33 мактаби таҳсилоти ҳамагонии миёнаи тоҷикӣ, 106 русӣ арзи вуҷуд дорад. Ба забони модарии мо рўзномаи «Овози Самарқанд» интишор ёфта, дар ширкати симо ва садои вилоятӣ барномаи «Чашми дил» низ пахш мегардад. Боиси ифтихору хушнудист, ки бо сиёсати оқилона ва дурандешонаи сарвари давлатамон дар Ўзбекистони Нав вакилони миллатҳои гуногун зери шиори «бародарӣ – баробарӣ» ҳамдилу ҳамҷиҳат умр ба сар мебаранд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

*Дар арзҳои дӯстӣ*

# ИЛМАТ БА АМАЛ ЧУ ЁР ГАРДАД...

***Дар мамлакати мо намояндагони беш аз 130 миллату халқият ва 16 конфессияи динӣ аҳлона зиндагӣ мекунанд.Таҳти сиёсати оқилонаи Президент Шавкат Мирзиёев таҳкими муҳити таҳаммулпазирӣ ва ҳамҷиҳатӣ, бозомӯзии амиқи мероси ғании илмиву маънавии донишманд ва мутафаккирони бузург, ки дар рушди адабу фарҳанги ҷаҳон саҳми шоиста гузоштаанд, корҳои назаррас ба амал татбиқ мешаванд.***



Солҳост, ки мо бо таҳририяти рӯзномаи «Нурли Жол» дар шафати якдигар фаъолият дорем. Ҳангоми дар бинои пештараамон (Хонаи матбуот) будан дар як ошёна қарор доштем, Алҳол дар бинои «Навоӣ 30» дафтари кориамон рӯ ба рӯйи якдигар аст. Ҳар рӯз баъди ҳолпурсӣ ба якдигар барори кор орзу мекунем. Аз комёбиҳои ҳамдигар хушҳол мешавем. Ба қарибӣ дар баробари вориди коргоҳ шудан бо Арухан Акпанбетова (муҳаррири бахши адабиёт ва фарҳанги рӯзномаи «Нурли Жол» ) рӯ ба рӯ омадам. Ӯ аз ҳарвақта дида хушҳол менамуд.Чашмонаш медурахшиданд, гӯё хурсандиамро дарёб мегуфтанд. Сабаби хурсандиашро пурсидам.

–Дар озмуни байналмилалии ҳарсолаи «Қазоқистон аз нигоҳи ВАО-и хориҷӣ» иштирок карда, бино ба номинатсияи «Тарғиби эҷодиёти Абай дар Ӯзбекистон» ғолибиро ба даст овардам. Боварӣ надоштам, ки ин мавод арзёбӣ мегардад,– гуфт бо мамнуният Арухан. Аз хурсандӣ дар чашмонаш ашк ҳалқа мезад. Ӯро модарвор ба оғӯш гирифта, табрик гуфтам. Ба утоқи кориаш даъват намуд то диплому статуэтка ва туҳфаҳояшро бубинам. Хоҳиш намудам, ки ба тафсил нақл кунад.

– Озмуни «Қазоқистон аз нигоҳи ВАО-и хориҷӣ» соли 2014 оғоз ёфта, соли ҷорӣ дар доираи интихоби зиёда аз 100 мавод аз 30 кишвари гуногун баргузор шуд,–сухан оғоз кард ӯ. – Ҳайати ҳакамон ҳар сол маводи матнӣ ва видеоиро интихоб карда дар номинатсияҳои гуногун ҷоизаҳо тақдим мекунанд. Намояндагони нашрияҳои хориҷӣ ва ВАО аз кишварҳои гуногун асарҳои худро дар форматҳои гуногун намоиш медиҳанд. Мавзӯи матолиби интиқолдодашуда таърих, фарҳанг, маориф, сайёҳӣ ва таомҳои миллӣ то муносибатҳои байналмилалӣ, иқтидори сармоягузории Қазоқистонро дар бар мегиранд. Имсол, бо қарори ҳакамон, мақолаҳои журналистон аз Арманистон, Белгия, Ӯзбекистон , Покистон ва ИМА дар номинатсияҳои гуногун арзёбӣ гардиданд. Дар асарҳои худ ғолибони озмун Марианна Мкртчян (Арманистон), Деря Сойсал (Белгия), Муҳаммад Али Паша (Покистон), Мэтт Фитсджералд (ИМА) ва Арухан Акпанбетова (Ӯзбекистон) ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти Қазоқистон, аз ҷумла рақамисозӣ, иқтисод, сайёҳӣ, варзиш, фарҳанг ва таърихи ин кишварро равшан кардаанд.

Дар маросими тантанавӣ муовини вазири корҳои хориҷии ҶҚ Арман Исетов, директори идоракунандаи гурӯҳи ширкатҳои «Верный Капитал» Жанболат Усенов, иҷрокунандаи вазифаи раиси идораи ҶС «Нк «Kazakh Tourism» Даниэл Сержанулы ғолибони озмунро табрик гуфта, сатҳи баланди ҳамаи корҳои пешниҳодшуда ва афзоиши доимии шумораи дархостҳои рӯзноманигорони тамоми ҷаҳонро қайд карданд, ки ин аз таваҷҷӯҳи афзояндаи ҷомеаи ВАО-и хориҷӣ ба Қазоқистон шаҳодат медиҳад. Ҳомиёни озмун инчунин ба иштирокдорон изҳори сипос намуда, ба онҳо дар Қазоқистон вақтхушии хуб таманно карданд ва туҳфаҳои хотиравӣ супориданд. Доираи васеи шариқони пешниҳодшуда бори дигар аҳамияти чорабинии баргузоршударо тасдиқ мекунанд.

Пас аз маросими ҷоизасупорӣ, ғолибони озмун ба бузургтарин форуми байналмилалии технологӣ «Digital Bridge 2025» ташриф оварданд, ки сафари онҳо бо барномаи пурмаҳсули чорабинӣ пайваст. Инчунин, бо мақсади таҳким бахшидани ҳамкории фарҳангӣ ва шиносоии наздиктар бо кишвар, ғолибон дар доираи барномаи фарҳангӣ-таърихӣ аз шаҳрҳои Остона, Олмаато, Чимкент ва вилояти Туркистон дидан карданд. Арухан дар идомаи суханаш гуфт:

– Бароям дидани шаҳрҳои Остона, Олмаато, Чимкент ва зиёратгоҳҳои вилояти Туркистони Ҷумҳурии Қазоқистон хотирмон буд. Дар гӯшаи хаёлам набуд, ки бо навиштани як мақола ба чунин дастовардҳо ноил мегардам. Ин ҳама натиҷаи сиёсати хирадмандонаи Президенти кишварамон Шавкат Мирзиёев мебошад. Зеро таҳти қарори Сарвари давлатамон «Дар бораи омӯхтан ва васеъ тарғиб намудани мероси адабии шоир ва мутафаккири бузурги қазоқ – Абай Қунанбоев» аз соли 2018 дар Ӯзбекистон корҳои назаррас амалӣ мешаванд.

Дар ҳақиқат, шоир ва мутафаккири машҳур – Абай, ки бо адабиёти форс-тоҷик ошноӣ дошт, бо фикрҳои фалсафии худ на танҳо ба адабиёти қазоқ, балки ба олами шеърияти туркӣ ҳиссаи бузург гузоштааст. Қарори номбурда ба таҳким бахшидани муносибатҳои ҳамкории байни Ӯзбекистон ва Қазоқистон, инчунин гузаронидани чорабиниҳои фарҳангиву маърифатӣ хидмат мекунад. Ҳар сол ба муносибати зодрӯзи ин маърифатпарвари бузург дар Ӯзбекистон чорабиниҳои адабию маърифатӣ баргузор мегарданд. Соли ҷорӣ бахшида ба 180-солагии Абай Қунанбоев як қатор чорабиниҳои маърифатӣ ва конфронси байналхалқӣ гузаронида шуданд.

Арухан Акпанбетова, ки дар ноҳияи Берунии Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ба дунё омадааст, баъди хатми мактаби зодгоҳаш ба факултети филологияи қазоқи Донишгоҳи давлатии Қароқалпоқистон ба номи Бердақ дохил шуда, онро соли 2011 бомуваффақият хатм менамояд. Баъди хатми донишгоҳ дар рӯзномаи «Нурли жол» ба кор шурӯъ кард. Ӯ муаллифи чандин маводи хонданӣ ва очеркҳои адабӣ мебошад. Барои матолиби саривақтиву хонданияш соли 2013 ҷоизадори «Журналисти фаъоли сол» гардид. Шеърҳои лирикиаш кайҳо аз қалби рӯзномахонон ҷой гирифтаанд. Асарҳои бадеии Арухан ба маҷмӯаи «Вдохновение сияющей страны» ва «Антология казахских поэтов Узбекистана» дохил шудаанд.

Арухан фарзанди сеюмини оила аст. Падари меҳнаткаши ӯ - Оспан ва модари меҳрубону ҳалимаш- Гулбахша панҷ нафар фарзандонро ба воя расондаанд. Роҳи зиндагӣ пурнишебу фароз аст, фарзандон аз меҳри модар барвақт ҷудо шуданд. Шояд меҳнати қарини сарони оила ва меҳрубониву сабурии онҳо ӯро ба дунёи рангини эҷод раҳнамун карда бошад. Барҳақ гуфтааст шоире:

*Илмат ба амал чу ёр*
*гардад,*
*Қадри ту яке ҳазор*
*гардад.*

Ба Арухан комёбиҳои нав ба нав орзумандем.

**Гулҷаҳон КАБИРОВА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

# ҲУНАРМАНДОНИ САНЪАТИ МИЛЛИИ САМАРҚАНД

***Солҳои охир ба рушди ҳунарҳои миллӣ эътибори калон зоҳир мегардад. Бо ин мақсад, бар замми чорабиниҳои васеъгардонии фаъолияти ҳунармандон озмуну азназаргузаронӣ ва фестивалҳо ташкил карда мешаванд. Дар онҳо ҳунармандон эъҷози дастони худро ба намоиш гузошта, паҳлуҳои нав ба нави ҳунарро омӯхта, таҷриба иваз мекунанд. Хӯш, имрӯзҳо ҳунармандони санъати миллии Самарқанд ба чӣ корҳо машғуланд? Барои ҷавоб ёфтан ба ин ва дигар саволҳо мухбири ҷамоатии мо бо сарвари вилоятии Садорати иттиҳодияи «Ҳунарманд»-и Ҷумҳурии Ӯзбекистон Умед ҲАКИМОВ суҳбат орост.***

– Дар Самарқанди мо аз азал мардуми ҳунарманд бисёр буданд, – дар оғози суҳбат гуфт Умед Ҳакимов. – Онҳо санъати ҳунармандии худро ба фарзанду наберахояшон омӯзонида, инкишоф додаанд. Дар навбати худ авлоди минбаъдаи онҳо усулҳои ҳунармандиро васеъ гардонида, роҳҳои нав ва мактабҳои худро ташкил кардаанд.

**– Ҳоло иттиҳодияи «Ҳунарманд»-и вилояти Самарқанд чанд нафар соҳибкасбонро дар атрофи худ муттаҳид гардондааст? Дар байни ҳунармандон занҳо бисёранд ё мардон?**

– Онҳое, ки ҳамчун аъзои иттиҳодияи «Ҳунарманд» аз рӯйхат гузашта, ба фаъолияти соҳибкории тарзи якка машғуланд, 2313 нафарро ташкил медиҳад. Аз ин шумораи ҳунармандон 1243 нафарашон мардҳо ва 1070 нафарашон занону духтарон мебошанд. Нисбати занҳо мардони ҳунарманд бештаранд ва онҳо 53,7 дарсади ҳунармандонро ташкил мекунанд. Дар байни ҳунармандон 471 нафар ҷавонон низ ҳастанд, ки ин аз дилбастагии насли оянда ба касбу кори ниёгон гувоҳӣ медиҳад.

**– Гап аз хусуси ҷавонон ба миён омад, бигӯед, ки аз қадимулайём ҳар як усто, косиб, ҳунарманд барои идомаи касби худ шогирд низ мегирифтанд. Ба онҳо асрори касби худро ёд дода, ба барҳам хӯрдани касбу ҳунар роҳ намедоданд.**

– Дуруст, анъанаи «Устоду шогирд» дар байни мардуми мо аз қадим вуҷуд дошт ва идома меёбад. Ҳоло 10700 нафар ҷавонону духтарон ба устою ҳунармандони моҳиру ботаҷриба шогирд истода, ҳунари онҳоро меомӯзанд. Онҳо худ устод шаванд, шогирд мегиранд ва ин анъана пойдор мемонад.

**– Дар ҳамин ҷо каме дар бораи ба чанд намуд ё самт кор бурдани ҳунармандон низ маълумот медодед...**

– Ҳунармандони мо дар 35 самт фаъолияти худро пеш мебаранд. Масалан, дар соҳаи гулнақши матоъҳо ва чокдӯзӣ дар матоъҳо 388 нафар машғуланд. 577 нафар либосҳои миллдлӣ медӯзанд, 407 нафар аз оҳан ҳар гуна асбобу анҷомҳои зарурӣ месозанд. Ҳунари дастони муъҷизаофари 260 нафарро дар маҳсулоти чӯбӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Инчунин, 38 нафар бо кашидадӯзӣ, 54 нафар бо тунукасозӣ, 59 нафар ба тайёр кардани савғотиҳои хотиравӣ, 41 нафар бо кандакорӣ дар санг шуғл меварзанд.

**(Давомаш дар саҳ.4).**

# КАСБИ АҶДОДИРО ИДОМА МЕДИҲАНД

Рӯзе садои тақ-тақи дарвоза баланд шуд. Вақте баромадам, дар беруни дар марди хушсарулибосе меистод.

Пас аз салому алайк, ӯ лаб ба сухан кушод:

– Ман аз шаҳр омадам. Аз маҳаллаи шумо хонаи зағирчиро мекобам. Аслан дар деҳаи шумо як хешамон буданд, ки ҳамеша ба мо равғани зағир мерасонданд. Чанде пеш назди писари худ ба хориҷа рафтанд. Барои ҳамин худам омадам, – хиҷолатмандона гуфт мард.

Ба ӯ хонаи ҳамсояамон Обидҷонро, ки равғани зағир омода мекард, нишон дода:

– Муллоака, наход дар шаҳри азими Самарқанд равғани зағир набошад? – бо тааҷҷуб пурсидам.

– Дар шаҳр равғани зағир бисёр, аз Ургут, Қӯшработ ва ҳатто аз Нурато ҳам меоранд. Аммо таъми равғани зағири Равонак дигар аст, – бо як табассуми малеҳ посух дод ӯ.

Вақте мард изҳори миннатдорӣ карда рафт, лаҳзае дар бораи хонаводаи Обидҷон фикр кардам, симои падару модари ӯ – шодравон Каримака ва ҳамсарашро пеши назар овардам. Онҳо на танҳо ба ҳам, балки ба атрофиён низ хеле меҳрубон буданд ва ҳиммату хидматро аз ҳамдеҳагон дареғ намедоштанд.

Зану шавҳар 7 писару 2 духтарро ба воя расонида, онҳоро соҳиби хонаву ҷой карданд, касбу ҳунар омӯхтанд. Аз фарзандон, ғайр аз усто Раҳимҷон, ки ба ҳақ пайвастааст, Одилбой – устои гулдаст, Орифҷон – собиқ раиси хоҷагии ҷамоавӣ, ҳоло сарвари яке аз фермерҳои маъруф, Обидҷон – равғани зағиркаш, Олим – кафшергари моҳир, Зокирҷон – фермер, Шокирҷон – пайвандгари пуртаҷриба аст. Ду нафар духтари хонадон шифокор ва чеваранд.

Модарам борҳо ба ману ҳамсарам гуфта буд, ки «Ҳа бачеком, шумоён ҳам мисли ҳамин Каримбою ҳамсараш ба якдигар меҳрубону хушмуомила бошед, оилаи намунавӣ барпо кунед, ҳеҷ гоҳ кумакатонро аз мардум дареғ надоред. Агар чунин амал кунед, албатта, чун онҳо соҳиби иззату эҳтиром мегардед».

Барои Каримака равғани зағиркашӣ касби бобоӣ буд. Асрори зағиркаширо хуб медонист. Агар дар Ургут, Қӯшработ ё дигар ҷой ягон ҷувоз вайрон шавад, зуд назди акаи Карим меомаданд. Ӯ вақт ёфта, пойтеша ва дигар асбобу анҷоми зарурӣро бо худ мегирифту ба манзили даъватшуда мерафт ва мушкили корафтодаро ҳал мекард.

Аз байн солҳо гузашта, Каримака пир шуданд. Акнун чун пешина ғайрату нерӯи корӣ надоштанд. Барои ҳамин рӯзе маърака ороста, ба мардуми маҳалла ош доданд ва тамоми асбобу анҷоми кориро, ки аз бобояшон мерос монда буд, бо дуои нек ба дасти писарашон Обидҷон супориданд.

Обидҷон аз бачагӣ ба касби падар завқу хоҳиши баланд дошт. Тавре дар урфият «сухан аз забони Луқмон хуш аст» мегӯянд, мо ҳам хостем дар бораи тартиби истеҳсоли равғани зағир, маҳсулоти зарурӣ, асрори хушсифатии равған, бо Обидҷон Ҳасанов суҳбат кунем.

– Барои хушсифату хуштамъ гардидани равған, пеш аз ҳама маҳсулот бояд босифат ва тару тоза бошад, – гуфт зимни суҳбат Обидҷон. – Барои омодасозии равғани зағир дони зағир ва пояи он, кунҷид, ундов, мағзи бодом, писта ва чормағз лозим аст. Ин ҳамаро дар ҷувоз омехта, равған омода мекунем. Бояд гуфт, ки дар ин ҷараён чӯби ҷувоз низ аҳамият дорад. Агар кундаи ҷувоз аз дарахти чормағз бошад, равған хушсифаттар хоҳад шуд.

**— Хуб медонем, ки солҳои пеш ҷувозро бо асп мегардонданд...**

— Бале, ин кор бо асп анҷом меёфт ва мо ҳаракати якмароми аспро назорат мекардем. Аммо ҳоло мо аз ҷувози барқӣ истифода мебарем, ки ин барои беҳтар гардидани сифату самаранокии кор мусоидат менамояд.

**— Шумо шогирд доред?**

— Албатта. Яке аз шогирдонам, ки ҳоло чун дасти ростам мададкор аст, набераи 14-солаам Ҷаҳонгир мебошад. Ӯ касбӣ аҷдодиро хеле дӯст медорад. Имрӯзҳо ӯ дар тамоми корҳо ба ман ёрӣ медиҳад.

Ёдовар мекунем, ки агар оши палав бо равғани зағир омода шавад, ҳазми он барои меъда осонтар мегардад. Иловаи ин равған ба дигар таомҳо низ фоидаовар аст.

Бо як сухан метавон гуфт, ки касби аҷдодӣ барои ин хонавода на танҳо воситаи рӯзгузаронӣ, балки ба рамзи эҳтиром ба гузашта, меҳнатдӯстӣ ва сабақи зиндагӣ табдил ёфтааст. Обидҷон Ҳасанов ва фарзандонаш бо идомаи ҳунари ниёгон исбот кардаанд, ки ҳеҷ арзише болотар аз меҳнати ҳалол ва ҳифзи анъанаи оилавӣ нест. Нигоҳ доштани чунин касбҳо, эҳтиром ба меҳнати гузаштагон ва бозомӯзии онҳо ба наслҳои ҷавон, кафолати пойдор мондани ҳунарҳои мардумӣ ва арзишҳои фарҳангиву маънавии мо хоҳад буд.

**Шодмон АМОНУЛЛОЕВ,**
**сокини маҳаллаи**
**Равонаки ноҳияи**
**Самарқанди вилояти**
**Самарқанд.**



# АНГУРИ ӮЗБЕКИСТОН ДАР МАҒОЗАҲОИ МАЪРУФИ ТОКИО

***Аз моҳи ноябри соли равон ангури Ӯзбекистон бори аввал дар мағозаҳои «AEON Shinonome» ва «AeonStyleShin-UrayasuStore» ба фурӯш гузошта шуд. Ин мағозаҳо ба ширкати ҷопонии «AEON» мансубанд, ки яке аз шабакаҳои бузург ва бонуфузи чаканафурӯшии кишвар маҳсуб меёбад.***

«AEON» — як корпоратсияи бузурги ҷопонӣ буда, дорои ҳазорҳо супермаркет ва марказҳои савдо мебошад ва дар хариди ҳаррӯзаи аҳолии кишвар нақши калидӣ дорад. Маҳсулоте, ки дар шабакаҳои он фурӯхта мешавад, бо сифати баланд ва боэътимодаш фарқ мекунад.

Ба ин тартиб, фурӯши ангури Ӯзбекистон дар мағозаҳои «AEON» бори дигар нуфуз ва рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзии ватаниро дар бозори Ҷопон нишон медиҳад.

Пештар дар бозори Ҷопон тарбуз ва анорҳои Ӯзбекистон низ ба фурӯш гузошта шуда буданд. Ҳоло корҳо бобати содироти лимӯҳои Ӯзбекистон идома доранд.

**АИ «Дунё»,**
*ш. ТОКИО.*

# ПОЛИКЛИНИКАИ ОИЛАВИИ «ҚАҚИР» БА ФАЪОЛИЯТ ШУРӮЪ КАРД

***Ноҳияи Қуваи вилояти Фарғона яке аз минтақаҳои сернуфуси вилоят ба ҳисоб меравад. Дар ҳудуди ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Қақир» поликлиникаи оилавии рақами 5 ба беш аз 21 ҳазор нафар аҳолии маҳаллаҳои Қақир, Бойистон, Турк, Ӯзбек ва Пахтаобод хизмат мерасонад.***

*Дар доираи барномаи «90 рӯзи амалии муҳим» дар бинои поликлиника таъмири капиталӣ анҷом дода шуда, муассиса симои нав гирифт.*

*Айни замон, дар муассиса 12 нафар духтур, 40 нафар корманди миёна ва 10 нафар корманди хурди тиббӣ фаъолият доранд. Поликлиника бо таҷҳизоти муосири тиббӣ ва техникаи компютерӣ таъмин буда, ба низоми электронӣ гузашт.*



*Дар маркази тиббӣ мутахассисони соҳаҳои стоматология, ҷарроҳӣ, акушер-гинекология ва ташхиси ултрасадо (УЗИ) фаъолият доранд. Саломатии аҳолӣ таҳти назорати доимии кормандони тиббӣ қарор дорад.*

***Дар акс:** фаъолияти шифокорони поликлиникаи оилавӣ.*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ӮзА).***

*Адабиётшиносӣ*

# ДУ НАВЪИ ҲАҚИҚАТ ДАР АДАБИЁТ — БАДЕӢ ВА ҲАЁТӢ

Бе ҳақиқати зиндагӣ ҳақиқати бадеӣ вуҷуд дошта наметавонад, инчунин, бе эътимоднокии бадеӣ худи ҳаётро ба тору пуди асари ҳунарӣ наметавон дохил кард.

Аз ин рӯ, ҳар хонандаи осори бадеӣ (чи назму чи насру драма) бояд ин ду чизи муҳимро аз ҳам фарқ кунад ва донад, ки то чӣ андоза ин ду ҳақиқат бо ҳам дар таносуб қарор мегиранд.

Ҳақиқати бадеӣ аз муҳимтарин қонунмандиҳои эстетикии эҷоди бадеӣ ба шумор меояд. Ин мафҳум дар радифи мафҳумҳои «зебоӣ» ва «халқият» дар таърихи башарият асос ё бунёди зебоишиносии классикӣ ва фалсафаи ҳунарро ташкил додааст. Ин мафҳумро сухансанҷони тавонои ҳунар сифати ҷудонопазири эҷодиёти бадеии асил хонда, онро василаи пуртаъсири фаҳму дарки образнокии асари ҳунарӣ эътироф кардаанд.

Адабиёт ҳамеша аз зиндагии иҷтимоӣ мавод мегирад ва печутоби роҳи онро ба тасвир мекашад. Таҷрибаи эҷодии бузургтарин адибон, ки номгирифти онон чандин саҳифаро пур хоҳад кард, исбот мекунад, ки ҳаловат бурдан аз асари санъат ҳамон вақт муяссар мешавад, ки агар он мундариҷаи ҳаётӣ дошта бошад.

Муҳаққиқи барҷастаи рус В. Г. Белинский ҳамин хислати адабиётро ба эътибор гирифта менависад: «Ҳаловат бурдан кам аст, мо ҳамеша чизеро донистан мехоҳем, яъне, бидуни донишу маърифат ҳаловат маъние надорад».

Маълум, ки дар адабиёти ҳар халқу миллат тибқи фаҳмиши диалектикӣ марҳилаҳое иборат аз рушди босифат ва рукуд арзи вуҷуд мекунанд. Ин нукта ба адабиёти тоҷик низ алоқаманд аст. Ба эътибори бадеияти сухан адабиёти мо шуҳрат дошт, суст шудани пояи ҳунарии кохи сухан ҳусни адабиётро коҳонд.

Пафоси эҷодӣ бошад, ҳамон тавре ки В. Белинский онро шарҳ медиҳад, дар худ ғояи умумии асар ё маҷмӯи ғояҳоро ғунҷоиш медиҳад, ки на дар шакли абстрактию мантиқӣ, балки якҷо бо ҳиссиёт ва шавқу завқи адиби ҳунарманд ба ҳам меоянд.

Ин чиз ваҳдати назари умумии адиб ба зуҳуроти воқеият ва айни замон муносибати муайяне бо ӯст. Ана ҳамин гуна зуҳури пафоси эҷодиро хеле равшану ибратбахш дар тору пуди қиссаи «Пирамард ва дарё»-и нависандаи шуҳратёри амрикоӣ Эрнест Ҳемингуэй ва «Дони ором»-и адиби маъруфи рус Михаил Шолохов ба мушоҳида гирифтан мумкин аст.

**(Давомаш дар саҳ.4).**




## АНГЕЗАҲО

Духтараки нобиное таманно мекард:

«Парвардигоро, аз ту мехоҳам, ки як бор, барои як лаҳза дидаи биноям бубахшӣ, то боре ба чеҳраи офтобу модарам, ки бас дӯсташон медорам, бинигарам ва бубинам».

***

Ҳакиме дар девори дармонгоҳе навишта буд:

«Одамӣ ба қадри ду чиз замоне мерасад, ки ҳар дуро аз даст додааст: яке тандурустӣ ва дигаре ҷавонӣ».

***

Садои ҷозибаноки амри маъруфи Мулло Зиёратшоҳ ба гӯшам расид:

«Худро бишнос, то Худоро бишносӣ. Аз худ бияндеш, то ба Худо роҳ барӣ».

***

Ӯ қаламамро гирифт ва дар як гӯшаи тақвимам навишт:

«Бидон ва фаромӯш макун, ки ман аз ту гуфтани таронаеро хостаам, таронаи меҳр, таронаи муҳаббат, таронаи садоқат».

***

Падарам мегуфт:

«Бархез аз хоб. Вақт меравад. Вақт бузургтарин неъмати Худованд аст. Пеш аз тулӯъи офтоб бархез. Офаридгорро сипос бигӯю сано бихон, ки фурсатат дод, то рӯзи навро бубинӣ, то як рӯзи дигар зиндагӣ бикунӣ ва ба қадри оламу одам бирасӣ».

***

Аз омӯзгор пурсиданд:

– Агар ягон шогирдатон ба Шумо беэҳтиромӣ зоҳир кунад, аз ӯ меранҷед?

– Не, ман аз худ меранҷам, ки ӯро дуруст тарбия карда натавонистаам.

***

Имоми Аъзам кӯдакеро дид, ки дар гил бимонда. Гуфт: «Гӯш дор, наафтӣ».

Кӯдак гуфт: «Афтодани ман саҳл аст. Агар биафтам, танҳо бошам. Аммо ту гӯш дор, агар поят билағжад, ҳама мусулмонон, ки аз паси ту оянд, билағжанд ва бархостани ҳама душвор бувад».

Таҳияи **Э. СОБИР,**
**омӯзгори собиқадор аз ноҳияи Фориш.**

*Барои бачаҳо*

***Ӯғилой ҶӮРАБОЕВА***

## САГЧА

*Чаро сагча ғамгин аст,*
*Дерест хонанишин аст.*
*Хӯрокро намебӯяд,*
*Ҳарфе ҳам намегӯяд.*
*Бо кӯдакон набозад,*
*Сӯйи мошин натозад.*
*Дар як гӯшаи айвон,*
*Бо нигоҳҳои ҳайрон.*
*Роҳи киро мепояд,*
*Аз дар намедарояд.*
*Медонед чӣ, бачаҳо,*
*Сагча мондааст танҳо.*
*Соҳиби он Парвинҷон,*
*Писараки хонадон.*
*Аз сагчааш пинҳонӣ,*
*Рафтааст ба меҳмонӣ.*

***Санҷиши қалам***

## *ДУ ҒИЗО*

*Очаҷони меҳрубон,*
*Канд аз танӯр якта нон.*

*Дар сумкаи мактабӣ,*
*Биандохтам нисфи он.*

*Нон ғизои моддӣ шуд,*
*Маънавӣ – дарси забон.*

*Ду ғизо комилам кард,*
*Шукри ҳар ду дар ҷаҳон.*

*Раҳмат ба устодонам,*
*Раҳмат ба модари ҷон.*

**Сайёра МУРОДОВА,**
**деҳаи Эҷи ноҳияи Нурато.**

## *БИБИҶОН – ҶОНИ ДЕҲА*

*Бибиҷони нуронӣ,*
*Чароғи хонадонанд.*
*Кони нақлу афсона,*
*Байту шеъру достонанд.*

*Поро беҷо гузорем,*
*Наметобанд гӯшамон.*
*Бо як масал кушоянд,*
*Чашми хоби ҳушамон.*

*Гоҳе табӯрок дар даст,*
*Ба завқ суруд*
*механанд.*
*Бибиҷони «нодонам»,*
*Ҳама чизро медонанд.*

*Бибиро ҳурмат кунанд,*
*Хурду калони деҳа.*
*Деҳа агар тан бошад,*
*Бибиям – ҷони деҳа.*

*Хуб гузарад бо бибӣ,*
*Тӯю азои мардум.*
*Модараш ӯро зода,*
*Гӯё барои мардум.*

**Рудоба ДОДОЕВА,**
***деҳаи Синтаби ноҳияи Нурато.***

*Латифа*

### Ҷуфт шавад

Рӯзе Афандӣ ширакайф аз кӯҷое ба хона бармегашт, дар маҳалла ба таъзия рӯ ба рӯ омад. Дар ҳолати ширакайфӣ ба фотиҳахонӣ даромад.

Муллое дар болои кат менишаст ба қироати ояте шурӯъ кард.

Қироати мулло ба Афандӣ форид. Пас аз даст бардошта омин кардан, гуфт:

– Муллобобо, ҷуфт шавад. Расо кайф кардам. Ҳама ба ӯ бо чашми ҳайрат нигаристанд.

### Хонаи худост

Маҳалатӣ хост ба мактаб раваду аз рафтору хониши писараш хабардор шавад.

Ба мактаб рафта, ба дари хонаи мудир ангушт зад.

Аз дарун садои директор шунида шуд.

– Марҳамат.

Маҳалатӣ дари мудирро кушода гуфт:

– Ассалому алейкум рафиқ мудир, мумкин?

– Марҳамат.

Маҳалатӣ кафшашро кашиду вориди утоқ шуд.

– Кафшро накашед, даромадан гиред.

– Не, рафиқ мудир, ин ҷо ҳам хонаи Худост, – гуфт маҳалатӣ.

Директор дасти ангушт газиду ба гапи маҳалатӣ қоил монд.

**Толиб ЮНУСЗОДА.**

# ДУ НАВЪИ ҲАҚИҚАТ ДАР АДАБИЁТ – БАДЕӢ ВА ҲАЁТӢ

**(Аввалаш дар саҳ.3).**

Дар асари Ҳемингуэй, ки воқеан аз мабдаи консепсияи одаму олам об хӯрдааст, ба қавли муҳаққиқи барҷастаи адабиёти ҷаҳон Н. К. Гей, «нафаси дунёи бузург, масъалаҳои фоҷиабори асри XX – тақдири инсон ва инсоният, муомилаи шахс бо табиат, ҷамъият ва худаш» ифода шудаанд.

Ҳамин тавр, бидуни мавҷудияти консепсияи ғоявию бадеии асар, ба қавли Муҳаммадҷон Шакурӣ, «ҷамъбастҳои амиқи иҷтимоию фалсафӣ ва кашфи бадеӣ ҳосил намешавад». Дарки моҳияти консепсияи оламу одам чанде аз адибони мардуми навадабиёт, аз қабили Чингиз Айтматов, Расул Ғамзатов, Юхан Смуулро шуҳрати ҷаҳонӣ бахшид.

Барои пешрафти ҷараёни адабӣ ду роҳ ҳаст: бозгардиш ба анъанаҳои суннатии адабии ниёгон, аз ҷониби дигар, – баҳрабардорӣ аз ҷараёнҳои мухталифи адабие, ки дар саросари дунё бо истилоҳоти модернизму постмодернизм, сюрреализм, субъективизм, назарияи информатсионӣ, эволютсионизм, назарияҳои гуногуни мифсозию символистӣ ва ғайра маъруфият доранд. Инҳо заминаи беҳбуди мулки сухан ва тозагӯию навпардозиҳо хоҳанд буд.

Аз он ки асарҳои Фитсҷералду Генри, Мопассану Акутагава барин адибони машҳури дунё инъикоси маҳзи ҳаёт набуда, аз ҷараёнҳои гуногуни адабӣ ғизои маънавӣ бардоштаанд ва то имрӯз заррае қадри хеш накоҳонидаанд, андешаи болоро қувват дода метавонад.

Истифодаи миф тавассути тасвирҳои шартию рамзӣ ба қалам додани рӯйдодҳои зиндагӣ дар эҷоди як гурӯҳ адибони тозаназар – Баҳманёр, Сайф Раҳимзод, Ҷонибеки Акобир, Муҳаммадзамони Солеҳ ва чанде дигар мавқеи устувор дорад. Ин падидаи тоза боиси ривоҷи адабиёти давраи нав гардид.

Ҳар қадар пайкара ба инсони зинда шабоҳат пайдо кунад, ё худ манзараи мусаввир одамони воқеӣ, симои ҳақиқии ашё, манзил ва пейзажро ҷиддӣ аккосӣ кунад, ҳамон андоза арзиши осори номбурдаи ҳунар боло хоҳад рафт.

Ин баррасиро дар мисоли таносуби ҳунари фотографӣ ва манзаранигорӣ ба хубӣ метавон ба мушоҳида гирифт. Ҳатто беҳтарин акс (фотография), ки хеле моҳирона аккосӣ шудааст, наметавонад дар радифи камқурбтарин пейзажи рассом бошад.

Ё худ парвандаҳои ҷиноие, ки муҳофизони ҳуқуқ мураттаб мекунанд, хурдтарин ҷузъиёти ин ё он ҳодисаи ҷиноятиро дар бар мегиранд. Агар асари адабӣ тақлиди маҳзи ҳаёт мебуд, пас он парвандаҳо аз беҳтарин осори санъату ҳунар маҳсуб меёфтанд.

Аммо ин тавр нест ва буда ҳам наметавонад. Он парвандаҳо чун маводи асари бадеӣ хидмат мекунанд, аммо ҳеч умумияте ба асари бадеӣ надоранд. Имрӯз ҳеч кас ба арзиши баланди маънавии асарҳои Свифт, Рабле, Волтер, Франс ва Уэллс шубҳа намекунад, ҳарчанд осори ин адибон воқеияти иҷтимоии Фаронсаву Инглистонро инъикос намекунанд.

Умуман, дар эҷоди адибони машҳур робита бо воқеият хеле мураккаб сурат гирад ҳам, ин гуна мураккабӣ барои ҷамъбастҳои бадеии доманадор монеа намешавад.

Беҳтарин песаҳои классикии юнониву римӣ ва фаронсавӣ, қисмати бештари драмаҳои испанию олмонӣ бо назм эҷод шудаанд ва забони онҳо аз забони умумиистеъмолӣ тафовути ҷиддӣ дорад. Монологи персонажҳо ва ҳам муколамаҳо тавассути шеъри вазну қофиядор сурат мегирифт ва ҳамин зебоии тасвир шукӯҳу азамати асарҳоро таъмин мекард.

«Форсҳо»-и Эсхил, «Шоҳ Эдип»-и Софокл, «Ипполит»-и Еврипид, драмаҳои Плавту Теренсий, «Медея»-и Сенека дар шакли назм эҷод шудаанд. Ё худ «Ифигения»-и Гёте, ки аввал дар шакли наср навишта шуда буд, муаллифро қонеъ накард ва баъдан ба назм баргардонида шуд.

Инъикоси мантиқи зоҳириву ботинии ҳодисаҳои ҳаёт аз мавқеи эстетикӣ ба завқу фаросат ва интуитсияи эҷодии адиб вобаста аст. Навъҳои гуногуни муносибати адибро ба воқеият дар мисоли эҷодиёти нависандагони як даврону як пораи вақт ба риштаи таҳлил кашидан муносибтар аст.

Ду нависандаи маъруф – Карел Чапек ва Франс Кафка дар як пораи замон зиндагиву эҷод кардаанд, воқеияти иҷтимоии як қарнро ҷамъбасти бадеӣ додаанд, аммо пафоси асарҳои онҳо ба дараҷае аз ҳам мутафарриқ аст, ки ду дунёи ба ҳам муқобилро мемонад.

Назари неки Чапек ба зиндагӣ ва сазовори саодат будани инсон ҳам дар «Модар» ва ҳам дар «Ҷанги саламандраҳо» ба мушоҳида мерасад, аммо дар «Мурофиа», ё худ «Дар колонияи ислоҳотӣ»-и Кафка ин руҳия нест, зиндагӣ саропо аз даҳшату ваҳшат иборат буда, инсон чун махлуқи раҳгумзадаву рӯёрӯйи мушкилоти айём нотавону маслуқ ба тасвир омадааст, ҳатто ривояти ӯ дар бораи инсони ҳашаротботин танаффури касро ба зиндагӣ ва бебақоии он ба вуҷуд меорад.

Дар эҷодиёти бархе аз адибони тоҷик низ ҳамин гуна таъсири ҷараёнҳои адабии Ғарб ва Амрикои Лотинро дидан мумкин аст. Қиссаву ҳикояҳои Сайф Раҳимзоди Афардӣ, умуман, руҳияи осори ӯ баҳрабардории адибро аз услубу имкониятҳои мактабҳои гуногуни адабӣ, аз ҷумла, модернизм ошкор мекунанд. «Доғистон» ном ҳикояи ӯ нобасомониҳои рӯзгори мардуми деҳ, фоҷиаи «пахтаву мазор»-ро рӯйи тасвир овардааст.

Гуфтан наметавон, ки дар солҳои 60-80-ум насри бадеӣ аз берангиҳои қолабӣ набаромада буд. Эҷодиёти Ӯ. Кӯҳзод, С. Турсун, Б. Фирӯз, А. Самад ва чанде дигар гувоҳи ҳоланд. Шеваи нави эҷод, бахусус, дар офариниши ҳикоя дар мисоли осори Фазлиддин Муҳаммадиев нимаи дуюми солҳои 50-уми асри XX зуҳур кард.

Нависанда тавассути таҷрибаи эҷодӣ ва ҳунари волои бадеӣ исбот намуд, ки жанри ҳикоя имконоти васеи таҳлили интеллектуалии воқеиятро дорад, ҷиҳати тасвири инсон ба вуҷуд овардани характерҳои барҷастаи адабӣ, зуҳури тафаккури эстетикии қаламкаш аз қиссаву роман кам нест.

**Ҳафиз РАҲМОН,**
**адабиётшинос.**

# ҲУНАРМАНДОНИ САНЪАТИ МИЛЛИИ САМАРҚАНД

**(Аввалаш дар саҳ.3).**

**– Кадом намудҳои касбу ҳунар рӯ ба таназзул оварданд? Ё дар оянда хатари аз байн рафтани онҳо вуҷуд дорад?**

– Не, мо дар айни замон аз байн рафтани ягон касбу ҳунарро намебинем, баръакс тараққӣ мекунанд. Хайр, ҳунари қадоқчигӣ ҳоло аз байн рафтааст. Чунки ҳозир ҳеч кас чойнику пиёла ва ё косаву табақи шикастаи худро қадоқ намекунад. Вале мисгарон ҳамон кори худро давом медиҳанд.

**– Касбҳои қадима аз нав эҳё шуданашон ҳам мумкин аст?**

– Мумкин. Масалан, мо ду усторо ёфтем, ки ҳоло онҳо ба касби читгарӣ машғуланд. Дар болои матои табиӣ нақшҳо мебароранд. Бояд гӯям, ки тамоми корҳои ҳунармандон дастӣ иҷро карда мешаванд. Барои ҳамин талабгоронашон зиёд аст. Масалан, маҳсулоти тайёркардаи ҳунармандони вилояти мо, аз ҷумла маҳсули дастони Асад Мирҷалолов, Холмаҳмад Исматуллоев, Нуъмон Облоқулов, Ҳоҷиқурбон Рустамов, Мавлуда Ҳамдамова, Ҳамида Иноятова, Абдулло Саидов ва дигарон ба ИМА, Германия, Франсия, Туркия, Аморати Муттаҳиди Араб, Малайзия ва ғайра экспорт карда мешавад ва ҳунармандон даромади калон мегиранд.

**– Ҳунару маҳорати соҳиби ҳар як касбу кор бештар дар намоишгоҳу фестивалҳо маълум мегардад. Дар ин гуна чорабиниҳо маҳсулот харидорони худро ҳам меёбад. Дуруст мегӯям?**



– Албатта. Порсол дар шаҳри Самарқанд намоишгоҳи байналмилалии «Кашидадӯзӣ» ташкил карда шуда буд. Дар он ба ҷуз вакилони кишвари худамону ҳунармандони Осиёи Марказӣ, аз давлатҳои Туркия, Франсия ва Бразилия низ намояндагон иштирок карданд. Дар озмуну фестивалҳои хориҷӣ низ ҳунармандони мо ширкат меварзанд. Моҳи сентябри соли равон дар Қӯқанд фестивали байналхалқии ҳунармандӣ баргузор гардид. Ба он қариб 1000 нафар меҳмонҳо даъват карда шудаанд. Мо низ ба ин чорабинӣ 60 нафар ҳунармандони худро фиристодем, ки баробари намоиш додани молу маҳсулоти худ кор омӯзанд, таҷриба иваз кунанд ва пешравии кори худро ба роҳ монанд.

**– 26-уми июни соли ҷорӣ, қарори Президенти мамлакатамон «Дар бораи чораҳои иловагӣ роҷеъ ба дастгирии соҳаи коркардабароии ашёи заргарӣ» дар матбуот эълон гардид. Ин қарор, албатта, ба пешравии кори заргарон такони наве мебахшад.**

– Бале. Дар иттиҳодияи мо ҳам 94 нафар тадбиркорони тарзи якка ба корҳои заргарӣ машғуланд. Мувофиқи нақша дар оянда иттиҳодияи заргарон алоҳида гардонида мешавад ва он гоҳ коркардабароии ашёҳои заргарӣ зиёд мегардад.

**– Барои пешрафти ҳунарҳои миллӣ дар оянда чӣ хел нақшаҳо доред? Чӣ бояд кард, ки ҳунарҳои миллии мо аз байн наравад, балки инкишоф ёбанд?**

– Дар ин бобат имкониятҳои васеъ мавҷуданд. Тамоми аъзоёни иттиҳодия аз пардохти андоз озоданд. Дар асоси қарори Президенти муҳтарамамон таҳти рақами 5020 аз соли 2021 дар ноҳияҳои Самарқанд, Пастдарғом, Булунғур, Тайлоқ марказҳои ҳунармандон ташкил карда шуданд. Ҳоло дар ин марказҳо самтҳои кулолӣ, гилембофӣ, кашидадӯзӣ, тайёр кардани либосҳои миллӣ ва маҳсулоти ороишӣ амал мекунанд. Бо ин роҳ барои бо кор таъмин кардани қариб 200 нафар шаҳрвандон имкон пайдо гардид. Ҳар кадоми онҳо ҳоло моҳе 3-5 миллион сӯм маош мегиранд. Имрӯзҳо дар 750 маҳаллаи вилоятамон соҳибкорони ҳунарманд фаъолият мебаранд. Мо ният дорем, миқдори ин хел маҳаллаҳоро ба 86 адад расонем. Зиёд кардани растаҳои ҳунармандии бозорҳо ҳам яке аз мақсадҳои мост. Бо мақсади фурӯши маҳсулоти ҳунармандон дар бозорҳои онлайн (OZON, WILDBRRIES, Etsy, Amazon, Uzum) молу маҳсулоти худро пешниҳод кардан мехоҳем. Бо дастгирии роҳбарони вилоят дар маҳаллаи Конигил бунёди «Маркази ҳунармандон» ба нақша гирифта шудааст. Он 2,2 гектар масоҳатро фаро мегирад ва баъди сохта ба истифода додани он корҳои ҳунармандони мо бештар пеш мераванд.

Мусоҳиб
**Бахтиёри ҶУМЪА.**

## БУЗУРГДОШТИ ФИРДАВСӢ

***Дар миёнаҳои асри X дар олами тамаддун ҷавони қавиазм ва қавируҳе ба майдон омад, ки саропои умри худро ба кори басе пуршараф бахшид.***
***Он ҷавонмард ситораи тобони осмони адабиёти олам Ҳаким Абулқосим Фирдавсии Тӯсӣ ва қаҳрамониаш эҷоди «Шоҳнома»-и безавол буд.***

### ШОҲБАЙТҲО АЗ «ШОҲНОМА»

Хирад афсари шаҳриёрон бувад,
Хирад зевари номдорон бувад.
Хирад зиндаи ҷовидонӣ шинос,
Хирад мояи зиндагонӣ шинос.

***

Тавоно бувад ҳар кӣ доно бувад,
Зи дониш дили пир барно бувад.

***

Биёмӯзу бишнав зи ҳар донише,
Биёбӣ зи ҳар донише ромише.

***

Ҳунар беҳтар аз гавҳари номдор,
Ҳунармандро гавҳар ояд ба кор.
Туро бо ҳунар гавҳар асту хирад,
Равонат ҳаме аз ту ромиш барад.

***

Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,
Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем.
Набошад ҳаме неку бад пойдор,
Ҳамон беҳ, ки некӣ бувад ёдгор.

***

Ҷавонмардиву ростӣ пеша кун,
Ҳама некуӣ андар андеша кун.

***

Писандидатар кас зи фарзанд нест,
Чу пайванди фарзанд пайванд нест.

***

Ҳамон дӯстӣ бо касе кун баланд,
Ки бошад ба сахтӣ туро ёрманд.

***

Сухан монад андар ҷаҳон ёдгор,
Сухан беҳтар аз гавҳари шоҳвор.

**Гирдоваранда**
**Собир ЭРГАШЕВ.**

*Ҳикмат*

## ХУДО ХОҲАД, БО ҲАР РОҲ МЕРАСОНАД...

Мавлавии Ҳиндустонӣ дар нақлаш овардааст:

«Бо хаттотӣ шуғл меварзидам. Ҳангоми кӯчондани «Саҳеҳи Бухорӣ» барои устодам аҳли байт хабар расонданд, ки аз хӯрданиҳо чизе намондааст. Дар дасти ман ҳам ҳеч чиз набуд, таваккал ба Худо, корамро давом додам.

Як маҳал аз сӯрохӣ муши хурде баромада, болои китобам ба гаштан шурӯъ кард. Барои хавосамро парешон накарданаш ба болои муш косаеро пӯшондам.

Як маҳал, дар суроғи бачааш, модармуш баромад. Косаро бӯй кард. Аз зери коса садои муш шунида шуд. Гӯё модару бача бо ҳам забон ёфтанд. Модармуш ба сӯрохӣ даромада рафт.

Баъд аз каме фурсат як мисқол тиллоро ба назди коса гузошт. Муддате истода, боз ба сӯрохӣ даромад. Баъди фурсате дуюмин резатиллоро гирифта баромад. Ман нигоҳ карда меистодам. Бад-ин минвол теъдоди зарпораҳоеро ба чордаҳто расонд. Дар охир «акнун тилло тамом шуд, инак ҳамёнаш» гуфтагӣ барин, халтачаи чарминеро баровард. Фаҳмидам, ки дар бисоташ чизе намондааст.

Косаро бардоштам, модару бача ба хонаашон даромаданд. Худо ризқамро бо воситаи онҳо расонда буд.

Тарҷума ва таҳияи
**Шуҳрат ИНЪОМОВ,**
**ноҳияи Попи вилояти Намангон.**

Аҳли идораи «Овози тоҷик» аз вафоти нобаҳангоми мухбири ҷамоатии рӯзнома
**Раҳимшоҳ ШАРИФЗОДА**
сахт андӯҳгин буда,ба аҳли байт ва пайвандони марҳум ҳамдардӣ баён мекунад.

*Овози тоҷик*
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1128.
Адади нашр 3684. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
А. Субҳонов.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 01.00

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.